Public Disclosure Authorized

Public Disclosure Authorized

SFG2940 V2

Ҷумҳурии Тоҷикистон

Лоиҳаи таҷдиди НБО-и Норак

Арзёбии таъсири экологию иҷтимоӣ

Ҳисоботи ниҳоӣ

Ширкати саҳҳомии кушодаи холдингии «Барқи Тоҷик»

январи соли 2017

РЎЙХАТИ ИХТИСОРОТ

%	Фоиз
ТБ	Тартиботи бонк
БВО	Иттиҳоди ҳавзаии об
ҲМБМЗ	Ҳифзи меҳнат, бехатарӣ ва муҳити зист
АТЭИ	Арзёбии таъсири экологӣ ва иҷтимоӣ
НИМЗИ	Нақшаи идоракунии чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист ва иҷтимоӣ
ШЭИ	Шӯъбаи масоили экологӣ ва иҷтимоӣ
FAO	Созмони озуқаворӣ ва кишоварзӣ
СМТ	Сатҳи мӯътадили танбавӣ
ДҚМ	Дастгоҳи қатъи муҳофизатӣ
ГВтс	Гигаватт соат
H Res max	Сатҳи максималии об дар обанбор
га	Гектар
НБО	Нерӯгоҳи барқи обӣ
ҲМП	Ҳудуди муҳим барои паррандагон
КБҲО	Комиссияи байнидавлатии ҳамоҳангсозии масоили об
ИБМТ	Иттиҳоди байналмилалии муҳофизати табиат
км^2	Километри квадратӣ
км	Километр
км^3	Километри мукааб
кв	Киловолт
л	Литр
НБЗС	Нақшаи бехатарии зиндагӣ ва бехатарӣ аз сӯхтор
ТМСЗ	Тадқиқот оид ба муайян намудани сатҳи зиндагӣ
м	метр
м^3	Метри мукааб
масб	Метр аз сатҳи баҳр
мг	Миллиграмм
ДАК	Дарбанди асосии куррашакл
МВ	Мегаватт
ТҒД	Ташкилоти ғайридавлатӣ
ШАН	Шӯъбаи амалиётии Норак
СИ	Сиёсати истифодабарӣ
КХП	Карбогидриди хушбӯи полисикликӣ
ТХЗЭ	Таҳлили хусусияти зарари эҳтимолӣ
ЗМС	Зарраҳои моддаи сахт
ОЭМ	Обхезии эҳтимолии максималӣ
ВМШ	Воситаҳои муҳофизати шахсӣ
Q $^{turb\ max}$	Ҷараёни максималии турбинавӣ
Q $^{turb\ min}$	Ҷараёни минималии турбинавӣ

НБО м	НБО-и маҷроӣ
г/дақ	Гардиш дар як дақиқа
ҶТ	Ҷумҳурии Тоҷикистон
НМТМ	Нақшаи гузаронидани машварат бо тарафҳои манфиатдор ва ифшои маълумот
сон	Сония
ТБ	Техникаи бехатарӣ
ТАЛКО	Шикати алюминии тоҷик
ГТ	Гидрокомплекси Туямуян
Твс	Тераватт соат
СММ	Созмони Милали Муттаҳид
дИМА	Доллари ИМА
БҶ	Бонки ҷаҳонӣ
СҶТ	Созмони ҷаҳонии тандурустӣ

1. МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР

Шароити мавҷуда ва талабот

Сарбанди нерӯгоҳи Норак, ки соли 1972 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда буд, яке аз баландтарин сарбанди хокию сангӣ дар ҷаҳон (баландиаш 300 метр) маҳсуб меёбад. Иқтидори муайяншудаи нерӯгоҳи барқи обӣ 3000 МВт-ро ташкил медиҳад. Сарбанди мазкур дарёи Вахшро идора мекунад, ки он яке аз шохобҳои асосии рӯди Панҷ мебошад. Баъди якҷояшавӣ бо дарёи Вахш ва Кофарниҳон дарёи мазкур ба Амударё табдил меёбад. Амударё, дар навбати худ, бузургтарин рӯдхонаи Осиёи Марказӣ ва яке аз ду шохоби асосии баҳри Арал маҳсуб меёбад.

Нерӯгоҳи барқи обии Норак (НБО) муҳимтарин иншоот дар Тоҷикистон мебошад, зеро зиёда аз 72% нерӯи барқи дар Тоҷикистон истеҳсолшуда ба нерӯгоҳи мазкур рост меояд. Илова бар тавлиди нерӯи барқ, обанбори нерӯгоҳ тавассути нақб барои обёрии тақрибан 70000 га замин бо обёрии иловатан даҳҳо ҳазор гектар замин обро таъмин мекунад, ки он дар натиҷаи танзими дарёи Вахш имконпазир гардид.

Бо вуҷуди ин, аз сабаби ларзиши турбогенераторҳо ва фарсудашавии метали чарххои корӣ, нишондиҳандаҳои истеҳсоли максималии ба қайд гирифташуда аз 2,320 МВт (дар муқоиса бо иқтидори муайяншудаи 3,000 МВт) зиёд набуд. Ғайр аз ин, ҷамъшавии таҳшинҳо дар обанбор ба коҳишёбии иқтидори ғунҷоиши об оварда расонид.

Лоиҳаи таҷдид (“Лоиҳа”) дорои якчанд ҳадаф мебошад:

(i) Барқарорсозии иқтидори истеҳсолии НБО-и Норак аз ҳисоби таҷдиду азнавсозии гидроагрегатҳои ва таҷҳизоти ёридиҳанда;
(ii) Баланд бардоштани самаранокии гидроагрегатҳо аз ҳисоби такмили тарҳрезии гидравликӣ ва насби таҷҳизоти дорои ККФ-и бештар; ва
(iii) Баланд бардоштани сатҳи бехатарии сарбанди Норак аз ҳисоби таҷдиди нақбҳои обпарто, таҷдиду азнавсозии дарғотҳои обпарто/механизми болобарӣ, беҳтар намудани муҳофизат дар минтақаи обгузаронии сарбанди хокию сангӣ болотар аз теғаи минтақаи марказии сарбанд, татбиқи чораҳо ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи бехатарӣ бо дарназардошти хафвҳои сейсмологӣ ва гидрологӣ.

Таҷдиди НБО-и Норак дар ду марҳила амалӣ мегардад. Марҳилаи якум таҷдиду азнавсозии се гидроагрегат ва бархе аз таҷҳизоти ёридиҳанда[1], ва гузаронидани корҳои муҳим ҷиҳати таъмини бехатарии сарбандро дар бар мегирад. Шаш гидроагрегати боқимонда ва дигар системаҳои ёридиҳанда дар давоми марҳилаи дуввум мавриди азнавсозӣ қарор дода мешаванд. Арзиши умумии лоиҳа $700 млн. доллари ИМА, аз ҷумла арзиши маҳрилаи якум 350 миллион доллари ИМА ташкил медиҳад.

[1] Таҷҳизоти ёридиҳанда: Истилоҳи мазкур ба истиснои турбинаҳо, тамоми ҷузъиёти нерӯгоҳро дар бар мегирал.

Арзёбии таъсири экологӣ ва иҷтимоии мазкур (АТЭИ) тамоми лоиҳаи таҷдиду азнавсозиро дар бар мегирад.

Синтези заминавӣ: масъалаҳои асосӣ

Барои муҳити физикӣ гидрология ва сифати об дар минтақаи поёноби дарё масъалаҳои асосие мебошанд, ки таҳқиқи мазкур диққатро ба он равона сохтааст. Дар ҳақиқат, дар поёноби НБО-и Норак теъдоди зиёди сарбандҳои маҷроӣ аз оби НБО-и Норак вобастагӣ доранд, даҳҳо ҳазор гектарҳои обёришаванда бошад дар натиҷаи танзими НБО-и Норак дар дарёи Вахш манфиат мебардоранд. Сохтмони сарбанд аллакай ба сифати об ва гидрология таъсири худро расонида истодааст. Лоиҳа ба коҳишёбиии минбаъдаи сифати об мусоидат намекунад, бахусус агар мавҷудияти минтақаҳои аҳолинишини поёноби сарбанд ва дигар истифодабарандагони об ба инобат гирифта шаванд.

Дар минтақаи лоиҳа масоили экологии рӯизаминӣ дар дараҷаи миёна ва хурд қарор доранд. Мавҷудияти ҳудудҳои махсус муҳофизатшавандаи поёноби нерӯгоҳи Норак, якҷояшавии дарёи Вахш ва Панҷ дар болооб, бахусус дар робита бо мавҷудияти туғайзорҳо, экосистемаи дорои хусусиятҳои хоси худ, ки дар ҳавзаи дарёҳо дар манотиқи биёбонии Осиёи Миёна ба вуҷуд меоянд, бояд ба инобат гирифта шаванд. Дар охир, дар робита бо муҳити обӣ, бо вуҷуди он ки бунёди сарбанд ба коҳишёбии теъдоди моҳӣ дар ин минтақа таъсир расонидааст, олами ҳайвонот ва набототи обӣ ҷузъи муҳиммест, ки ба ифлосшавии саноатии об ҳассос боқӣ мемонад.

Муҳити зисти инсон маҷмӯи масоили гуногун, бахусус мавҷудияти шаҳри Норак дар наздикии минтақаро дар бар мегирад. Убури воситаҳои нақлиёт, ки ба кашонидани одамон ва таҷҳизот машғуланд ба минтақае, ки аз он роҳи ба майдон мегузарад, таъсири худро мегузорад. Ва дар охир, масъалаи истеҳсоли нерӯи барқ низ меъёри калидӣ дар таҳлили таъсири лоиҳаи НБО-и Норак маҳсуб меёбад.

Методологияи таҷдиду азнавсозӣ

Паи ҳам аз истифода баровардани гидроагрегатҳо ҷиҳати гузаронидани таҷдиду азнавсозӣ ҳамчун варианти заминавӣ баррасӣ мешавад. Бо чунин усул Лоиҳа дар давоми 10 сол амалӣ мегардад.

Аз рӯи нақша, марҳилаи нахустини Лоиҳа, ки аз моделкунӣ ва тарҳрезии энергоблокҳо иборат аст, 6 сол идома меёбад. Чорабиниҳои дар нерӯгоҳ пешбинӣ шудаанд барои иҷроиши ҷадвал муҳим мебошанд ва дар давоми аз 10 то 11 моҳ барои ҳар як агрегат амалӣ мегарданд (дар байни иҷрои корҳои алоқаманд бо таҷзия ва такмилдиҳии озмоиш). Ҳар як турбина ва генератор аз кор боздошта шуда ба қисмҳо ҷудо карда мешаванд, таҷдиду азнавсозӣ гардида аз нав васл карда мешаванд.

Варианти алтернативӣ низ пешбинӣ шудааст. Тибқи он аз истифода баровардани якбора ду агрегат барои азнавсозӣ бо мақсади коҳиш додани муддати амалисозии лоиҳа пешбинӣ мегардад. Бо кӯмаки ин алтернатива, Лоиҳа дар давоми 7 сол ва 7 моҳ амалӣ хоҳад шуд. Бо вуҷуди ин, алтернативаи мазкур аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон рад карда шуд, зеро он маҳдудияти истеҳсоли нерӯи барқ ва мушкилиҳоро дар нигоҳубини техникии мунтазами агрегатҳо дар давоми татбиқи Лоиҳа дар назар дорад.

Аз ин рӯ, муддати умумии татбиқи Лоиҳа (марҳилаи 1 ва 2):

1,5 сол + 3 моҳ + 10/11 моҳ x 9 агрегат = 10 солро ташкил медиҳад.

Таъсири лоиҳа ва тадбирҳои пешниҳодшуда

Лоиҳа 20 таъсироти муайяншударо дар бар мегирад: 16 таъсироти манфӣ ва 4 мусбат. Аксарияти таъсирот бо: (i) ифлосшавии имконпазир аз ҳисоби партовҳои таҷдиду азнавсозӣ (хатарнок ва бехатар), (ii) хавфҳо ба саломатӣ ва амният, ки метавонанд ба коргарон ва аҳолии маҳаллӣ таъсир расонанд, ва (iii) истифодабарии мунтазами нерӯгоҳи барқӣ, алоқаманд мебошанд. Таъсирот ба гидрологияи минтақаи поёноб, сатҳи обанбор дар болооб, талабот/истифодаи об дар поёноб муайян карда нашуд. Дар ҷадвали поён афзалиятҳо дар робита бо ин таъсирот муайян карда шуданд.

Бахши муҳити зист	Таъсирот						
	Истинод	Манбаъ	Намуд	Шарҳ	Марҳилаи лоиҳа		Аҳамият
					Азнавсозӣ	Истифодабарӣ	
Сифати хок, об	I06	Истеҳсоли партов	Манфӣ	Хавфҳои алоқаманд бо бартараф намудан ва сару кор доштан бо асбест	x		зиёд
Саломатӣ ва бехатарии коргарон	I06	Истеҳсоли партов	Манфӣ	Хавфҳои алоқаманд бо бартараф намудан ва сару кор доштан бо асбест	x		зиёд
Саломатӣ ва бехатарии коргарон	I07.3	Кор ё наздикӣ ба таҷҳизоти барқӣ	Манфӣ	Хавфҳои алоқаманд бо зарбаи электрикӣ	x		зиёд
Истеҳсоли нерӯ	I11.2	Қатъи ғайриихтиёрии як ё якчанд агрегат аз сабаби мушкилоти алоқаманд бо таҷдиду азнавсозӣ	Манфӣ	Таъсири истеҳсоли нерӯи барқ	x		зиёд
Сифати хок, об	I04	Истеҳсоли партов	Манфӣ	Ифлосшавӣ бо партовҳои таҷдиду азнавсозӣ	x		миёна
Сифати об	I05.1	Ифлосшавӣ бо партов	Манфӣ	Хавфи ифлосшавии об	x		миёна
Олами наботот ва ҳайвоноти обӣ	I05.2	Ифлосшавии об	Манфӣ	Ташвиши имконпазири олами наботот ва ҳайвоноти обии поёноб	x		миёна
Саломатӣ ва бехатарии коргарон	I07.2	Корҳои пурғавғо	Манфӣ	Хавфи алоқаманд бо таъсири сатҳи ғавғо	x		миёна
Саломатӣ ва бехатарии коргарон	I07.4	Корҳои дорои хавфи оташангезӣ	Манфӣ	Хавфи зарари корҳои кафшергарӣ/оташангез	x		миёна
Саломатӣ ва бехатарии коргарон	I07.5	Афзоиши шумора ва ҳаракати нақлиёт дар ҳудуди НБО-т Норак	Манфӣ	Хавфҳои алоқаманд бо нақлиёт дар иншоот	x		миёна
Саломатӣ ва бехатарии коргарон	I07.6	Фаъолияти корӣ дар баландӣ	Манфӣ	Хавфи алоқаманд бо фаъолияти корӣ дар баландӣ	x		миёна
Саломатӣ ва бехатарии аҳолии маҳаллӣ	I09.1	Истеҳсол, резонидани партов ва ғ.	Манфӣ	Хавфи ифлосшавии об	x		миёна

Бахши муҳити зист	Таъсирот						
	Истинод	Манбаъ	Намуд	Шарҳ	Марҳила и лоиҳа		Аҳамият
					Азнавсозӣ	Истифодабарӣ	
Саломатӣ ва бехатарии аҳолии маҳаллӣ	I09.3	Кашонидани маводҳои хатарнок барои аҳолии маҳаллӣ	Манфӣ	Кашонидани маводҳои хатарнок барои аҳолии маҳаллӣ	x		миёна
Саломатӣ ва бехатарии коргарон	I07.1	Кор бо ё дар наздикии тағҳизоти ҳаракаткунанда	Манфӣ	Хавфи алоқаманд бо тағҳизоти чархзананда ва ҳаракаткунанда	x		кам
Саломатӣ ва бехатарии аҳолии маҳаллӣ	I09.2	Афзоиши шумора ва ҳаракати нақлиёт дар роҳи даромад берун аз ҳудуди НБО-и Норак	Манфӣ	Хавфҳои алоқаманд бо бехатарии ҳаракати нақлиёт ва пиёдагардон барои аҳолӣ	x		кам
Бехатарии сарбанд	I11.1	Қатъи ғайриихтиёрии як ё якчанд агрегат аз сабаби мушкилоти алоқаманд бо тағдиду азнавсозӣ	Манфӣ	Коҳишёбии муваққатии имконияти обпартоӣ	x		кам
Шароитҳои маҳаллии иҷтимоию иқтисодӣ	I12.1	Омадани коргарон	Манфӣ	Фишори иҷтимоию иқтисодӣ	x		кам
Гидрология	I01	Корҳои барқарорсозии гидро-электромеханикӣ	-	Тағйирёбии ҷараёни дарёи Вахш дар поёноб			нест
Сатҳи об дар обанбор	I02	Тағйирёбии қоидаҳои истифодабарӣ	-	Тағйирёбии сатҳи идоракунии обанбори НБО-и Норак			нест
Бехатарии сарбанд	I03	Тағйирёбии қобилияти кунунии обпарторӣ	-	Хавфи обхезӣ дар рафти азнавсозӣ ва истифодабарӣ			нест
Хавфҳои иқлимӣ	I13	Омадани коргарон	-	Таъсири обанбори Норак ба иқлими маҳаллӣ			нест
Шароитҳои маҳаллии иҷтимоию иқтисодӣ	I12.2	Омадани коргарон	Мусбат	Имконияти дарёфти ҷои кор барои аҳолии маҳаллӣ	x		кам
Шароитҳои маҳаллии иҷтимоию иқтисодӣ	I12.3	Омадани коргарон	Мусбат	Афзоиши имкониятҳои иқтисодӣ	x		кам
Саломатӣ ва бехатарии коргарон	I08	Таъмини ветиллятсия, равшанӣ ва панҷараҳои муносиб барои зинаҳо	Мусбат	Коҳишёбии хавфҳои алоқаманд бо саломатӣ ва бехатарии кор дар накбҳо		x	миёна
Бехатарии сарбанд	I10	Иҷрои тавсияҳо	Мусбат	Баланб бардоштани сатҳи бехатарии сарбанд		x	зиёд

Се таъсироти манфии дорои аҳамияти «зиёд» муайян карда шуданд:

(i) Дар таркиби таҷҳизоте, ки бояд таъмир карда шавад **асбест** мавҷуд аст. Бартарафсозӣ ва муомилот бо асбест ба саломатӣ хатари ҷиддӣ дорад, ки андешидани тадбирҳои махсуси эҳтиётиро нисбати саломатӣ ва бехатарии коргарон талаб мекунад. Азбаски хавфи мазкур мустақим ва ғайримустақим мебошанд, бо он коргарон ду маротиба рӯ ба рӯ мешаванд (тавассути ифлосшавии муҳити корӣ);

(ii) Марҳилаҳои таҷзия, васл ва озмоиш дар чунин лоиҳа дорои хавфи **зарбаи электрикӣ барои коргарон** мебошад;

(iii) Ҳангоми муомилот бо ҷузъиёт/дастгоҳҳои электрикӣ метавонад қатъи ғайриихтиёрии кори як ё якчанд агрегат ба миён ояд. Хавфи мазкур метавонад ба коҳишёбии **истеҳсоли нерӯи барқ ва пасту баланшавии ҷараён** дар шабакаи барқ оварда расонад.

Барои пешгирӣ намудани ин оқибатҳо ва хавфҳо, Пудратчӣ бояд якчанд нақшаи идоракунии экологӣ ва иҷтимоии дар доираи нақшаи умумии идоракунии муҳити зист ва иҷтимоии аз ҷониби соҳиби лоиҳа назоратшавандаро амалӣ созад.

Дар нақшаи ҳифзи муҳити зист, саломатӣ ва бехатарӣ тадбирҳои пешгирии ифлосшавии муҳити зист, ки идоракунии партовҳо ва шароитҳои бехатариро барои коргарон ва аҳолии маҳаллӣ пешбинӣ мекунанд, муфассал баён шудаанд.

Нақшаи бехатарии пиёдагардон ва ҳаракати нақлиёт барои пешгирӣ намудани осеби ҷисмонӣ аз воситаҳои нақлиёти лоиҳа амалӣ мегардад.

Нақшаи омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулодда ва эътино, ки аз ҷониби Пудратчӣ пешниҳод шудааст бояд чораҳои пешгирии ҳолати фавқулоддаро (ифлосшавӣ, оташгирӣ, садама дар ҷои кор, мушкилоти алоқаманд бо истифодабарии сарбанд, рехтани асбест ва ғ.) дар бар гирад.

Дар охир, ҷорӣ намудани «иҷозатҳо барои кор» (тартиботи қатъӣ) барои пешгирӣ намудани мушкилоти истифодабарӣ имкон медиҳад.

Пудрадчӣ хароҷоти амалисозии Нақшаҳои идоракунии чорабиниҳои алоқаманд бо муҳити зист ва масоили иҷтимоиро (НИМЗИ) ба зиммаи худ мегирад. Соҳиби лоиҳа («Барқи Тоҷик») барои назорат ва мониторинги чорабиниҳо дар доираи НИМЗИ буҷетро пешбинӣ мекунад. Бахусус, «Барқи Тоҷик» (БТ) аллакай машваратчиро оид ба идоракунии лоиҳа (МИЛ), ки назорати риоияи талаботи НИМЗИ-ро аз ҷониби Пудрадчӣ низ бар ӯҳда мегирад.

Бонки ҷаҳонӣ, дар сиёсати худ оид ба арзёбии экологӣ (ОР 4.01, январи с. 1999 г.), талаботи алоқаманд бо машваратҳо ва иштирок дар тамоми марҳилаҳои лоиҳа, аз банақшагирӣ то истифодабарӣ пеш мегузорад.

Бахши аввали машваратҳое, ки аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии «Куҳистон» гузаронида шуд, тобистони соли 2016 баргузор гардид. Илова бар масъалаҳое, ки аз рӯи анъана дар рафти ин вохӯриҳо гузошта мешаванд (ба кор таъмин намудани коргарони маҳаллӣ, бехатарии коргарон ва аҳолӣ, тартиботи иттилоотӣ ва фаъолияти минбаъда аз рӯи натиҷаҳои машваратҳо ва ғ.), чанд проблемаи дигар бардошта шуд. Бо вуҷуди мавҷуд набудани асосноккунии техникии онҳо, БТ бояд онҳоро дар рафти чорабиниҳои минбаъдаи ҳамкорӣ бо тарафҳои манфиатдор, тавре ки дар Нақшаи ҳамкорӣ бо тарафҳои манфиатдор (НҲТМ) фаҳмонда диҳад:

(i) **Майдони магнитие**, ки НБО-и Норак ба вуҷуд меорад, тавре, ки аҳоли фикр мекунад, ба бемориҳои дилу рагҳои хунгард оварда мерасонад;

(ii) Истифодаи **роҳи алтернативӣ** ҷиҳати пешгирии ҳаракати техникаи боркаш тавассути шаҳри Норак. Барои таъмин намудани роҳи канорагузари нақлиёт, истифодаи пуле, ки дар ҳолати бади техникӣ қарор дорад, зарур мебошад. Гузаронидани арзёбии ҳолати пул зарур аст. Агар он мувофиқи мақсад бошад, чунин арзёбиро пудрадчии асосӣ метавонад ба ҳаҷми кор дохил намояд.

(iii) Офатҳои имконпазир дар поёноби дарёи Вахш, ки **хуруҷи об** аз обанбор боиси сар задани онҳо мегардад. Ин мушкилӣ бевосита бо Лоиҳа алоқаманд набуда ба ҳамоҳангсозӣ байни Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда бо БТ дахл дорад. Дар давоми амалисозии НҲМТ ҷиҳати ҳалли ин масъала бояд бо аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида ҷавобҳо пешниҳод гарданд.

Таври дар боли қайд карда шуд, дар ин ҳисобот НҲМТ ҷиҳати таъмини ҳамкории самаранок бо тарафҳои манфиатдорӣ беруна дар ҳамаи марҳилаҳои татбиқи лоиҳа пешниҳод мегардад. Тавассути он метавон саволҳои алоқаманд бо лоиҳаро ба тарафҳои манфиатдор расонид ва фикру андешаҳои онҳоро ба инобат гирифт.

Мутобиқи сиёсати амалиётии Бонки ҷаҳонӣ 7.50 лоиҳаи мазкур ҳамчун «Лоиҳаи дар рӯдхонаҳои байналмилалӣ қарорёфта» маҳсуб меёбад. Ҳамин тариқ, бо дархости Ҳукумати Тоҷикистон, Бонки ҷаҳонӣ бо мақсади иттилоъдиҳӣ дар бораи ҳаҷми лоиҳа ва паёмадҳои чашмдошт ба кишварҳои поёноб огоҳинома ирсол намуд. Лоиҳа он корҳое, ки метавонистанд хусусияти нақшаи ибтидории НБО-и Норак, ё ҳаҷмро тағйир диҳанд ё васеъ намоянд, маблағгузорӣ намекунад. Лоиҳа сифат ё ҳаҷми хуруҷи обро ба дигар кишварҳои поёноб тағйир намедиҳад, ва истифодаи об аз ҷониби дигар давлатҳои поёноб ба лоиҳа таъсир намерасонад.